# Шарҳи моҳонаи таваррум • СЕНТЯБРИ 2025

**Дар моҳи сентябри соли 2025 сатҳи таваррум[1] 0,1 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

## Таварруми хизматрасонӣ

Дар сохтори таварруми моҳона арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба андозаи 1,3 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 фоиз) раванди болоравӣ дошт. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии хизматрасониҳои обтаъминкунии оби ҳунук ва канализатсия 52,2 фоиз, сартарошхонаҳо 2,0 фоиз, шӯстушӯи қолинҳо 2,1 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 1,2 фоиз ва дигар ба амал омад.

## Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Дар сохтори таварруми моҳона нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ба андозаи -0,1 фоиз (саҳм дар таваррум -0,1 фоиз) раванди пастравӣ дошт. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби пастравии нархи гази моеъ 10,2 фоиз, бензин АИ-92 2,7 фоиз, молҳои нассоҷӣ 0,5 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

## Таварруми хӯрокворӣ

Нархи маҳсулоти хӯрокворӣ низ, раванди коҳишёбӣ дошта, -0,1 фоизро ташкил намуд. Коҳишёбии мазкур асосан аз ҳисоби поёнравии нархи пиёз 13,6 фоиз, карам 6,9 фоиз, ангур 6,1 фоиз, сабзӣ 5,1 фоиз, себ 4,1 фоиз, картошка 3,2 фоиз, шакар 2,6 фоиз, нок 1,5 фоиз, биринҷ 0,7 фоиз ва ғайра ба амал омад.

Дар баробари ин, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифотӣ болоравии нархи помидор 16,9 фоиз, лиму 11,8 фоиз, тухм 3,6 фоиз, бодиринг 3,4 фоиз, гӯшти гов 2,1 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,9 фоиз ва ғайра ба назар расид.

**Таварруми моҳона ва солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар моҳи сентябри 2025, бо фоиз** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Сатҳи таваррумӣ солона бошад, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ 2,8 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,3 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи сентябри соли 2025 сатҳи таваррумӣ солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 33,3 фоиз, Қазоқистон 12,9 фоиз, Ӯзбекистон 8,0 фоиз, Россия 8,0 фоиз, Беларус 7,1 фоиз, Гурҷистон 4,8 фоиз ва Арманистон 3,7 фоиз ба назар расид.

Сатҳи таваррумӣ аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ 0,2 фоизро ташкил дода, бо арзёбии солона ба 1,4 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадилии сатҳи нархҳо ва пешгирии фишорҳои таваррумӣ, сиёсати самараноки пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)** (манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | | | | | Сентябр, тағйирёбии моҳона бо % |
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Янв | Фев | Мар | Апр | Май | Июн | Июл | Авг | Сен | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,5** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,8** | **3,6** | **3,4** | **3,1** | **2,8** | **0,1** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,6** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **3,1** | **3,1** | **3,0** | **3,6** | **4,1** | **4,5** | **3,7** | **3,1** | **-0,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,4 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -1,2 | -1,0 | -3,2 | -4,7 | -5,9 | -5,7 | -5,1 | -3,7 | -3,0 | 0,1 |
| Биринҷ | 1,7 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 9,5 | 6,0 | 5,1 | 1,6 | 0,5 | 0,7 | -0,8 | -1,4 | -2,6 | -0,7 |
| Орд | 3,8 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -9,8 | -9,3 | -11,0 | -11,7 | -13,2 | -13,2 | -13,0 | -14,4 | -13,1 | 0,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,9 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,3 | 15,4 | 15,6 | 15,1 | 15,3 | 15,1 | 14,1 | 13,9 | 13,8 | 1,8 |
| Гӯшти гов | 3,1 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 25,3 | 24,8 | 24,7 | 24,2 | 25,1 | 25,0 | 23,2 | 21,9 | 20,8 | 2,1 |
| Тухм | 1,5 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 7,7 | 3,9 | 10,1 | 9,7 | 16,9 | 22,1 | 26,0 | 10,4 | 7,7 | 3,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 4,7 | 4,0 | 5,5 | 5,1 | 5,9 | 5,6 | 4,2 | 3,7 | 3,8 | 0,0 |
| Шир | 0,7 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 5,8 | 5,0 | 9,3 | 10,4 | 11,3 | 10,5 | 11,1 | 9,6 | 5,3 | -0,7 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,7 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 13,5 | 14,1 | 14,4 | 16,5 | 19,0 | 15,0 | 12,2 | 11,8 | 11,1 | 0,9 |
| Меваҷот | 2,4 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -12,1 | -11,7 | -7,4 | -9,6 | -11,9 | -15,4 | -10,3 | -4,2 | -2,7 | -0,1 |
| Сабзавот | 7,1 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 2,2 | 4,2 | 7,4 | 9,9 | 17,7 | 24,1 | 23,2 | 13,6 | 8,1 | -3,5 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -8,4 | -8,7 | -9,7 | -8,4 | -8,8 | -8,1 | -8,8 | -8,6 | -9,4 | -1,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 5,2 | 3,7 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,6 | 0,9 | 0,3 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **9,0** | **6,3** | **6,3** | **10,9** | **5,9** | **5,2** | **5,9** | **7,4** | **10,5** | **13,1** | **13,7** | **13,7** | **14,6** | **1,2** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **0,8** | **3,0** | **4,5** | **5,7** | **9,4** | **9,5** | **9,4** | **9,4** | **9,4** | **8,4** | **7,9** | **5,7** | **5,4** | **5,5** | **0,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **38,4** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **4,0** | **3,7** | **3,6** | **3,3** | **2,3** | **1,7** | **1,6** | **1,0** | **-0,1** |
| Либос ва пойафзол | 11,8 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 1,7 | 1,8 | 2,2 | 1,7 | 1,2 | 1,4 | 1,8 | 2,9 | 3,2 | 0,4 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,7 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,0 | 1,6 | 0,8 |
| Моводи шустушӯӣ | 1,1 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | 0,9 | -0,7 | -1,9 | -1,9 | -2,8 | -2,6 | -1,8 | 1,5 | 2,7 | 1,3 |
| Доруворӣ | 1,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,5 | 7,2 | 7,2 | 7,1 | 6,9 | 2,9 | 2,9 | 1,5 | 1,4 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,7 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | 0,6 | 1,0 | -0,1 | -1,0 | -1,3 | -3,6 | -13,4 | -17,4 | -20,0 | -4,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,9 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 4,8 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 2,4 | 2,4 | 1,5 | 1,6 | 0,7 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **13,0** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,7** | **4,0** | **3,3** | **5,2** | **5,2** | **4,2** | **4,1** | **3,8** | **5,3** | **1,3** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,2 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,2 | 2,5 | 2,1 | 8,3 | 8,2 | 7,8 | 6,7 | 5,7 | 10,1 | 3,8 |
| Иҷорапулии манзил | 0,7 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,6 | 7,6 | 7,9 | 7,8 | 6,7 | 6,8 | 6,8 | 6,6 | 6,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 4,0 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 38,3 |
| Қувваи барқ | 1,6 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,0 | 15,0 | 14,1 | 14,2 | 14,2 | 13,9 | -0,3 |
| Оби гарм | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -0,5 | 0,7 | -1,0 | 0,5 | 1,9 | 0,3 | -16,6 | -25,3 | -29,3 | -8,0 |
| Нақлиёт | 2,3 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 1,4 | 0,4 | 0,9 | 1,5 | 1,7 | 1,4 | 1,0 | -0,1 | -0,3 | -1,0 |
| Алоқа | 1,5 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 4,2 | 4,7 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 0,1 |
| Маориф | 0,7 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,2 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 0,2 |
| Тандурустӣ | 0,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | 0,2 | -0,7 | -1,8 | -3,0 | -3,0 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -2,2 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,0 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 5,6 | 6,4 | 6,4 | 5,1 | 5,1 | 2,6 | 3,8 | 4,1 | 5,2 | 1,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи махсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо